Дар ин асос Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст, ки: «Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза зидди ҷинояткорӣ асосан аз сатҳи омодагии касбӣ ва хислати шахсии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобаста аст…Ин далелҳо, аз роҳбарияти вазорат ва сохторҳои он муносибати ҷиддиро нисбати масъалаҳои интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо бо назардошти сатҳи касбият ва дониш, вафодорӣ нисбати Ватан, хислатҳои инсонӣ ва иродаи қавии онҳоро, талаб менамоянд».[1]

Ҳамин тавр, ба давлат зарур аст, ки роҳи ҳалли ду вазифаро муттаҳид намояд: *аввалан*, дар доираи инкишофи ҷомеа адолатро побарҷо намуда, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро таъмин намояд; ва *дуввум*, мубориза самаранокро бо ҷинояткориву таҳдидҳои муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба роҳ монад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, дар марҳилаи инкишофи раванди муосири иҷтимоӣ қарор дошта, ҳамчунин ба муқаррарнамоии волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд талош менамояд. Барои расидан ба мақсадҳои инкишоф давлат ислоҳоти мақомоти давлатиро, алалхусус мақомоти корҳои дохилиро муайян намудааст. Бинобар ин, бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1438 аз

---

[1] Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон ба муносибати ҷашни Рӯзи милитсияи тоҷик 10.11.2018 [манбаи электронӣ]. https://mvd.tj/index.php/ru/novosti-arkhiv/2-uncategorised/11240 (санаи муроҷиат: 31.01.2019).

19.03.2013 сол «Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020» тасдиқ гардидааст. Мақсади ислоҳоти милитсия дар амалишавии баландсифати функсияи ҳифзи ҳуқуқи давлат ва расидани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ба натиҷаи дилхоҳи ҷомеа, зоҳир мегардад.

Бо назардошти он, ки мақомоти корҳои дохилӣ на қувваю, на таҷҳизоти техникиву ҷангист, балки пеш аз ҳама ҳайати кадрии касбии он аст, пас инкишофёбии фаъолият ва натиҷаи мусбии ислоҳот аз таъминоти кадрӣ ва сиёсати кадрии мақомоти корҳои дохилии ҷумҳурӣ вобаста аст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари дигар давлатҳо, таъминоти кадрии ҳамаи самтҳои фаъолияти ҳаётӣ ва алалхусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки мақомоти корҳои дохилӣ дар ин шумора аст, масоили мубрам мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ дар соли 2018 бори дигар ин масоилро таъкид намуданд: «Зарур мешуморам бори дигар қайд намоям, ки тараққиёти муътадил дар давлат ва ҷомеа пеш аз ҳама дар таъмини бехатарӣ, волоияти қонун, мустаҳкамнамоии тартиботи ҳуқуқии ҷомеа, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон асос меёбад. Ҷиҳати расидан ба ин мақсадҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур меояд, ки пеш аз ҳама худ мебояд дар кор ва фаъолияти худ талаботи қонунро риоя намуда, намунаи ибрат дар иҷроиши уҳдадориҳои хизматӣ бошанд».[1]

Таҳлили заминавии илмӣ ва ҳуқуқӣ ва омӯзиши объективии таҷрибаи таърихии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон, асосан бо набудани тадқиқоти мақсаднок, ҷамъбастӣ ва амиқ собит мегардад. Ин тадқиқот имконияти баҳогузории ҳолати кунунии мақомоти корҳои дохилиро медиҳад, имконияти пайхаси хусусиятҳои инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистони муосир буда, минбаъд ҳалли самараноки ислоҳоти соҳа ва

[1] Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ]. http://www.prezident.tj/ru/node/19089 (санаи муроҷиат: 31.01.2019).

вазифаҳои гузоштаи давлатро назди мақомоти корҳои дохилӣ, фароҳам меоварад.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсия инчунин бо бартараф намудани фазои холии вуҷуддошта дар қонунгузорӣ ва тавассути он комёб шудан ба натиҷаи мусбӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳо, мавзӯҳои илмӣ.** Диссертатсия дар асоси мавзӯи илмӣ-тадқиқотии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ислоҳоти милитсия дар Тоҷикистон: назария ва дурнамои он (2016-2020)», иҷро шудааст.

**Сатҳи коркарди илмии мавзӯъ.** Гуногунҷабҳагии мавзӯи тадқиқот, аз чунин самтҳои илмӣ, ба монанди назарияи умумӣ ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, идоракунии давлатӣ, сотсиологияи ҳуқуқ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра иборат аст. Самтҳои мазкур, инчунин масоил ва ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонро, дар доираи инкишоф ва амалишавии давлат дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, олимони зерини тоҷик тадқиқот намудаанд: М.И. Абдуллоев, У.А. Азиззода, З. Ализода, И. Removed Бобоҷонзода, Н.И. Бобоева, Э.Б. Буризода, С.А. Давлатов, Ҷ.Х. Ҷурабоев, А.М. Диноршоҳ, А.А. Каҳҳоров, З.Ҷ. Маҷидзода, А.М. Мансурзода, М.А. Маҳмудзода, Н.Ҷ. Назарзода, Э.С. Насриддинзода, Р.М. Раҷабзода, Р.Ҳ. Раҳимзода, Д.С. Раҳмон, О.Э. Раҳмон, А.Ш. Розиқзода, З.А. Саидзода, Ш.С. Саймуддинов, Б.А. Сафарзода, Ҷ. Саъдизода, Ф. Тоҳиров, Ф.С. Хайруллоев, Ш.Ҳ. Ҳафиззода, А.Ғ. Холиқзода, Б.Т. Худоёрзода, Р.Ш. Шарофзода, А. Шоҳиён, А.Ҳ. Юсуфзода ва дигарон.

Ба масоили инкишофи сиёсати кадрӣ ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар самтҳои илмии вобаста бо мавзӯи мазкур дар ин ё он ҷанбаъ, осори олимони зерини Россия бахшида шудаанд: Е.Р. Абызова, Н.А. Андреев, С.Ю. Анохина, В.В. Ансиферов, А.М. Артемев, П.Н. Астапенко, Л.А. Бардымова, В.Ф. Баркатунов, В.Н. Бойко, И.В. Будило, В.М. Булавин, И.Е. Винницкий, Г.Е. Волгина, С.Н. Грошев, О.Е.

Евтихов, Г.П. Ермолович, Ю.А. Ершов, Г.В., Загрядский, С.Ф. Зыбин, Т.А. Иванова, Я.М. Кейзеров, В.Я. Кикот, И.Ф. Колонтаевская, В.Б. Коробов, И.А. Крыгина, А.Н. Кунаев, О.С. Лапшина, Х.Х. Лойт, В.П. Малков, Р.С. Мулукаев, П.П. Платонов, В.И. Притул, С.А. Пушкарев, Н.И. Разуваева, В.В. Романова, В.В. Стреляева, Е.А. Сумина, А.В. Толкачев, И.М. Хил, И.В. Чечелнитский ва дигарон.

Махсус ҳаргуна масоили хизмати давлатиро олимони ватанӣ Ҷ.Н. Ҷамшедов, Ф.М. Эргашева[1] ва дигарон тадқиқ намудаанд.

Масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ, ташкили омодагии кадрҳо ва адои хизмат дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи диссератсионӣ ва монографӣ М.О. Қудратов[2] баррасӣ намудааст. Масъалаҳои таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масоили вобаста ба фаъолияти роҳбар ва дигар кормандонро М.М. Мирзорустамов[3] тадқиқ намудааст.

Осори олимони рус Е.В. Мишугина, Е.А. Николаенко, Я.К. Евстафиади, А.С. Балдина[4] ва дигарон махсус ба ҳаргуна

---

[1] Ҷамшедов Ҷ.Н. Государственная служба Республики Таджикистан: конституционно-правовой аспект: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Ҷамшедов Ҷамшед Назаршоевич. – Москва, 2011, Эргашева Ф.М. Особенности процесса становления и развития кадровой политики в системе государственной службы Таджикистана: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Эргашева Фариза Мамадиевна. – Душанбе, 2014.

[2] Қудратов М.О. Правовое регулирование, организация подготовки кадров и прохождения службы в органах внутренних дел Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Қудратов Муминбой Очилович. – Москва, 2013, Қудратов М.О. Прохождение службы и подготовка кадров МВД Таджикистана и МВД России. / М.О. Қудратов, А.Д. Сафронов, Р.О. Иванов – М.: ГУУ, 2013, Қудратов М.О. Законодательное регулирование, организация подготовки кадров и прохождения службы в органах внутренних дел Республики Таджикистан. Монография / М.О. Қудратов – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015.

[3] Мирзорустамов М.М. Деятельность руководителя территориального органа МВД Республики Таджикистан по предупреждению дисциплинарных правонарушений и преступлений среди личного состава: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.11 / Мирзорустамов Мирзоалишер Мирзоқосимович. – Москва, 2018.

[4] Мишугина Е.В. Правовые и организационные основы деятельности полиции Эстонской Республики и её роль в обеспечении общественной безопасности:

ҷанбаҳои ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бахшида шудаанд.

Тадқиқоти ин муаллифон, бешубҳа, моҳияти зиёди назариявӣ ва амалӣ доранд. Аммо, корҳои онҳо хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ ва зерсохторҳои онро, дар доираи ислоҳоти милитсияи Тоҷикистон, баҳисоб намегиранд. Дар ин робита ба таври назаррас мундариҷаи хизмати кадрӣ тағйир меёбад, ки дар навбати худ муносибати маҷмӯӣ ва коркарди роҳҳои нави ҳалли масоилро талаб мекунад.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади тадқиқоти диссертатсиониро омӯзиши маҷмӯи давраҳои ташаккулёбӣ, асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили амалишавии ин раванд, инчунин коркарди пешниҳод оид ба такмили фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ мебошад.

Ҷиҳати расидан ба ин мақсад, **вазифаҳои** зерин гузошта шудаанд:

- дарки назариявӣ ва коркард намудани мафҳум, моҳият ва принсипҳои асосии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ;
- даврабандии ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон;
- баррасии таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон ва равандҳои таркибии он;

---

автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Мишугина Евгения Викторовна. – Москва, 2015, Николаенко Е.А. Административно-правовое регулирование прохождения службы курсантами образовательных организаций МВД России: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Николаенко Елена Алексеевна. – Белгород, 2017, Евстафиади Я.К. Административно-правовое регулирование государственной службы сотрудников органов внутренних дел: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Евстафиади Янис Константинович. – Краснодар, 2017, Балдина А.С. Административно-правовое регулирование кадрового обеспечения федеральных конрольно-надзорных органов исполнительной власти в России: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Балдина Анастасия Сергеевна. – Нижний Новгород, 2018.

- амалӣ намудани таҳлили маҷмӯии ҳолати таърихӣ ва кунунии кор бо кадрҳо дар мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон;

- муайян намудани хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон;

- омӯзиш ва баҳогузории ҳолати кунунии базаи ҳуқуқӣ ва такмили он, инчунин унсурҳои таркибии фаъолияти кадрӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти ислоҳоти соҳа;

- асоснок намудани зарурати такмили базаи қонунгузорӣ ва далелнокнамоии қабули чораҳо оид ба такмили фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- баррасии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва нишон додани муҳимияти истифодаи он дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти тадқиқоти диссертатсионӣ** муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми амалишавии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ ба вуқӯъ мепайванданд дар раванди даврабандии инкишофи таърихӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ, аз соли 1917 то инҷониб баррасӣ мегарданд.

**Предмети тадқиқоти диссертатсионӣ** вазифаи давлатӣ оид ба фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ, асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии инкишофи таърихӣ ва ҳолати кунунии ҳайати кадрӣ, сатҳи инкишофи базаи меъёрӣ-ҳуқуқии кор бо кадрҳо мебошад.

**Асоси методологии тадқиқотро** қонунҳо ва категорияҳои диалектика, усули дарки умумиилмӣ ва унсурҳои таркибии он: таҳлил, синтез, қиёс, муқоиса ва умумият, ягонагии назария ва амалия ва усули дарки махсус: таърихӣ, мантиқӣ, расмӣ, сотсиологӣ, оморӣ, муқоисавӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин муносибати маҷмӯӣ ба таҳлил ва баҳодиҳии объекти тадқиқот, ташкил медиҳад. Дар асоси истифодаи ин методҳои дарки илмӣ дар тадқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳои илмӣ, принсипҳо, ҳамбастагии вазифаҳои давлат, инчунин эҳтиёҷоти объективии инкишофи ҷомеаи муосир кушода шудаанд.

**Асоси таърихӣ-назариявӣ ва ҳуқуқии тадқиқот.** Дар кори илмӣ маводҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Филиали бойгонии давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгониҳои Академияи ВКД, РВКД дар вилояти Суғд ва Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

Ғайр аз ин, дар кори илмӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодексҳои амалкунанда, амрҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат, стратегияву консепсияҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии идоравие, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус фаъолияти кадрии онро ба танзим медароранд, истифода шудаанд. Ҳамзамон қонунҳои федеративии Федератсияи Россия ва санадҳои ҳуқуқии идоравии давлатҳои пасошӯравӣ истифода шудаанд.

Базаи эмпирикии тадқиқотро, дар доираи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ омӯзиши маводҳои оморӣ ва сотсиологӣ, ки дар натиҷаи пурсиши сотсиологии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд, ташкил медиҳад. Дар умум 200 мусоҳибон аз шаҳрҳо ва вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пурсида шудаанд.

Дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ осори олимони тоҷик Н.И. Бобоева, И.Б. Буриев, Д.Х. Ҷӯрабоев, Ҷ.М. Зоиров, Э.С. Н.Ҷ. Назаров, Насурдинов, Н.Н. Негматов, О.Э. Раҳмонова, А.Ш. Розиқзода, Р.Ш. Сотиволдиев, Ф. Тоҳиров, А.М. Тошев, Ф.С. Хайруллоев ва дигарон ва олимони Россия Е.Р. Абызова, С.Ю. Анохина, А.М. Артемьев, В.Ф. Баркатунов, С.Ф. Зыбин, Х.Х. Лойт, Р.С. Мулукаев, В.И. Притула, Н.И. Разуваева, Е.А. Сумина, Ш.М. Хусаинова ва дигарон, ки асоси назариявии тадқиқотро ташкил медиҳанд, истифода шудаанд.

**Навгонии илмии тадқиқот** дар интихоби мавзӯи тадқиқот собит мегардад. Дар диссертатсия, дар асоси ба роҳ мондани гардиши илмии маводи бойгонӣ ва таҳлили маводи аслии ҳуқуқӣ, аз нуқтаи назари илми таърихӣ-ҳуқуқӣ, ташаккулёбӣ ва инкишофи раванди таъминоти кадрӣ дар мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳими давлат тадқиқ шудааст, ки дар натиҷа хулосаҳои мушаххас коркард ва пешниҳод гардидаанд:

- давраҳои асосии ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон нишон дода шуда, асоснок карда шудаанд;

- асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, заминаҳо ва хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи кадрҳо ва фаъолияти кадрӣ дар мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон муайян карда шудаанд;

- таҳлили ҳамаҷониба, объективӣ ва ҳуқуқии равишҳои гуногуни ин мавзӯъ гузаронида шуд, ки муайян намудани баҳои илмии асоснок ва мавқеи муаллиф оид ба хусусиятҳои таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонро имконият дод;

- таҳлили танзимдарории қонунгузорӣ, баҳои инкишофи таърихӣ ва ҳолати кунунии фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дода шуд.

**Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

**1.** Дар давраҳои гуногуни таърихӣ, оғоз аз давраи муқаррар намудани ҳокимияти советӣ дар ҳудуди пошхӯрдаи Тоҷикистони ҳозира то инҷониб дар назди давлат вазифа оид ба таъминоти кадрии мақомотҳои давлатӣ, инчунин мақомоти корҳои дохилӣ ба вуқӯъ омад ва ҳоло ҳам меистад. Муҳимияти баррасии вазифаи давлат ҷиҳати таъминоти кадрӣ дар намунаи мақомоти корҳои дохилӣ дар он иброз мегардад, ки мақомоти корҳои дохилӣ дар низоми мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, функсияи ҳифзи ҳуқуқи давлатро, ки кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии давлат мебошад, амалӣ менамояд.

**2.** Асоси таърихии оғози фаъолият оид ба таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон, ташаккули худи мақомот, ҳамчун воҳиди ташкилии том ва мустақил дар сохтори дастгоҳи давлатӣ дар давраи муқаррар намудани ҳокимияти советӣ мебошад. Ташаккулёбӣ ва нкишофи марҳилавии ин раванд, инчунин дар шароити муосири ислоҳоти мақомоти милитсия, даврабандии зерини муаллифро муайян мекунад:

**1)** аз соли 1917 то соли 1991 – давраи ҳокимияти советӣ дар ҳудуди таърихии Тоҷикистон.

**2)** аз соли 1991 то соли 2019 – давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**3.** Дар давраи ташкили мақомоти милитсияи Тоҷикистон, ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии ин мақомот асосан дар чораҳои ташкилӣ асос меёфт. Дар сохтори мақомоти милитсия курсҳои гуногун оид ба омодагии кадрҳо фаъолияташонро оғоз намуданд, кори тарбиявӣ ривоҷ ёфт, ба хизмат дар милитсия табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла занон ҷалб мешуданд. Ин чораҳо баъдан меъёран мустаҳкам карда шуд ва ба аҳолии Тоҷикистон дар сохтори мақомоти корҳои дохилӣ имконияти воқеии истифодаи ҳуқуқҳои худ ба меҳнат ва таҳсилро дод.

**4.** Мустаҳкамшавии меъёрӣ-ҳуқуқии хусусиятҳои таъминоти кадрӣ дар мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон вобаста аст:

- бо қабули Низомнома оиди ташвиқоти касбии соҳавӣ дар милитсия 10.03.1923 сол;

- бо қабули Қарор оиди ҳуқуқҳои занҳои меҳнаткаши ҶАШС Тоҷикистон соли 1926, дар асоси қарори Ҷаласаи 1-уми Съезди Шӯроҳои Таъсисии Умумитоҷикон барои озодӣ ва баланд бардоштани тахассуси меҳнатии зани маҳаллӣ;

- бо оғози инкишофи таҳсилоти идоравӣ, дар намуди созмон додани муассисаҳои таълимии идоравӣ дар сохтори мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар асоси Қарори КМИ ва ШКХ ИҶШС таҳти № 237 аз 23.07.1930 сол.

**5.** Авҷгирии ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистони соҳибистиқлол бо тараққиёти ҷаҳонӣ ва ислоҳоти мақомотҳои давлатӣ собит мегардад, ки давлатро барои мутобиқат ба марҳилаи муосири инкишоф, навгонӣ намудани базаи қонунгузорӣ мувазафф месозад. Дар ин асос, асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ сарфи назар набуда, такмили онҳо чораи саривақтӣ мебошад. Зарурати баҳисобгирии ҳамаи категорияҳои ташкилдиҳандаи ҳайати кадрии мақомоти корҳои дохилӣ, манфиати онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, манфиатҳои давлат ва амсоли инҳоро дар рафти навгонии базаи қонунгузорӣ, бояд бо принсипҳои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии инсон асос ёбанд.

**6.** Дар давраи ислоҳоти мақомоти милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кадрӣ самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ буда, бо мақсади амалишавии

самаранок ва такмили он, доимӣ чораҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ бо мақсади мустаҳкамнамоии таҳсилоти идоравӣ, ҳамкории фаъол бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, эҷоди симои нави касбиятнок, поквиҷдонона ва бомаърифатонаи корманди милитсия, қабул ва амалӣ карда мешаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот.** Натиҷаҳои кори илмӣ, умумияти назариявӣ ва пешниҳодот метавонанд ҷиҳати васеъшавӣ ва иловаи назаррас ба маводи таърихӣ-ҳуқуқӣ бо нуқтаи назар оид ба ташаккулёбии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон ва инкишофи сохтори он, амалишавии фаъолияти он ва масоили такмил, ҳалли вазифаҳои давлатӣ ва амалишавии функсияҳои давлат, имкон диҳанд.

Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд ҳам дар раванди қонунэҷодкунӣ ва ҳам дар фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Нуқтаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда метавонанд дар раванди таълимии муассисаҳои таълимии идоравии сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва факултетҳои ҳуқуқшиносӣ дар доираи таърих ва назарияи ҳуқуқ ва давлат, идоракунии давлатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва сотсиологияи ҳуқуқ, дар коркарди воситаи ёрирасони таълимӣ-методӣ ва фаъолияти минбаъдаи илмӣ-тадқиқотӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии диссертант бо сатҳи навгонии тадқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳои илман асоснокшуда, маводи чопшуда, инчунин маърузаҳои семинар, конференсия ва форумҳои гуногун, тасдиқ карда мешавад.

**Тасвиби натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва муҳокима гардидааст, дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ташхис гузашта, ба ҳимоя тавсия шудааст. Нуқтаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо дар 1 монография ва 7 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия инчунин дар намуди маърӯзаҳои илмӣ дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-амалии зерин тасвиб шудаанд:

- семинари «Нақши ҷавонон дар рушди илми Тоҷикистон», Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 05.05.2017) маъруза дар мавзӯи: «Нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар рушди илм»;

- «Форуми дуюми ҳуқуқшиносони ҷавон», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 09.11.2018) маъруза дар мавзӯи: «Масоили таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ», Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 07.12.2018) маъруза дар мавзӯи: «Масоили кафолати ҳуқуқи зан ҷиҳати фаъолият дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Академия – на пути совершенствования системы подготовки квалифицированных кадров для органов внутренних дел», Академияи ВКД Ҷумҳурии Узбекистон (ш. Тошкент, 03-06.09.2019) маъруза дар мавзӯи: «Подготовка кадров в органах внутренних дел» (Омода намудани кадрҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ);

- конференсияи илмӣ-амалии «Проблемы теории и практики», Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон (ш. Душанбе, 28.03.2020) маъруза дар мавзӯи: «Формирование женского состава милиции Таджикистана (1917-1990 гг.)» (Ташаккулёбии ҳайати занони милитсияи Тоҷикистон (солҳои 1917-1990);

- семинари «Масъалаҳои муҳими тарбияи фарҳангӣ-ахлоқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ», Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 31.03.2020) маъруза дар мавзӯи: «Правовая основа развития воспитательной работы в органах внутренних дел Таджикистана» (Асоси ҳуқуқии инкишофи кори тарбиявӣ дар мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон).

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия тибқи мақсад, вазифаҳо ва мантиқи тадқиқоти диссертатсионӣ

муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда, рӯйхати калимаҳои ихтисоршуда ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 225 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ КОР

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти кор, сатҳи коркарди илмӣ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳо, объект, предмет, асоси методологӣ ва назариявии тадқиқот, базаи эмпирикии он, навгонии илмӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии тадқиқот, саҳми шахсӣ, тасвиби натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда муайян карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия **«Тавсифи умумии фаъолияти давлатӣ дар самти таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон»** мафҳум, моҳият, принсипҳои асосӣ, раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон таҳлил карда шудаанд.

Дар зербоби якуми боби якум **«Мафҳум, моҳият ва принсипҳои асосии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ»** масъалаҳо вобаста ба мафҳум, моҳият ва принсипҳои асосии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ баррасӣ шудаанд. Таҳлил муайян намуд, ки таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ вазифаи асосии давлат буда, шакл, намуд ва усулҳои мушаххаси амалишавии функсияи иҷтимоии он ба ҳалли ин вазифа равона шудаанд.

Таҳлили нуқтаи назари олимон А.В. Новокрешёнов, В.М. Пашин, А.А. Кобозев, Г.Е. Волгина, Е.А. Спытсина, В.И. Притула, С.Ю. Анохина, Е.А. Сумина ва баъзе санадҳои ҳуқуқӣ ба диссертант имконият дод, ки муайян намояд, ки моҳияти таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ аз мафҳуми кадрҳои он бармеояд, ва мафҳумҳои зеринро пешниҳод намояд:

- «*Таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ* – ин маҷмӯи шакл, усул, восита ва принсипҳоест, ки ташкилкунандаи раванди ташкилӣ ҷиҳати ҳалли вазифа ва расидан ба мақсадҳои ташаккули ҳайати кадрии босифати мақомоти корҳои дохилӣ, ки дорои тавоноии вокуниши самаранок ба тағйироти тартиботи ҳуқуқӣ бо назардошти инкишофи давлат мебошад»;

- «*Кадрҳои мақомоти корҳои дохилӣ* – ин ҳайати кормандоне мебошанд, ки бо мақомоти корҳои дохилӣ дар муносибати меҳнатӣ қарор дошта, дорои маълумоти мушаххаси касбӣ ва малакаи амалӣ, вазъи ҳуқуқӣ вобаста ба вазифа ва мақоми хизматӣ, маҳорати амал кардан дар доираи қонун ва иҷрои босифати уҳдадориҳои муайяншуда ҳастанд».

Ба ақидаи диссертант, таъминоти кадрӣ раванди ташаккулёбии ҳайати кадрии мақомоти корҳои дохилӣ, тарзи муҳими инкишофи мақомот, омили асосии амалишавӣ ва самаранокӣ мебошад. Хусусияти ин раванд дар чандирии он, яъне дар доштани тавоноии вокуниши самаранок ба тағйироти тартиботи ҳуқуқӣ бо назардошти инкишофи давлат ифода меёбад.

Дар тавсифи принсипҳои асосии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ, диссертант ба ақидаи олимон Р.С. Мулукаев, Н.Ҷ. Назаров, Р.Ш. Сотиволдиев, Ф.С. Хайруллоев, И.Е. Винитский, В.М. Пашин, А.А. Кобозев, И.В. Чечелнитский оиди он, ки ҳангоми ташаккулёбии мақомоти милитсия таъминоти кадрӣ дар асоси принсипҳои синфӣ, назоратӣ-танзимӣ ва ташкилӣ амалӣ мешуд, такя менамояд. Бо назардошти он, ки принсипҳои мақомоти корҳои дохилӣ ин ақидаҳои назариявӣ ва нуқтаҳои асосие мебошанд, ки имконияти дуруст амалишавии раванди таъминоти кадрии мақомот ва расидан ба натиҷаи босифатро фароҳам меоваранд, принсипҳои афзалиятнок бояд адолат, қонуният, инсондӯстӣ, илмият, касбият ва ғайра бошанд.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон (солҳои 1917-1991)»** натиҷаи таҳлили ҳаҷми калони маводи бойгонӣ ва корҳои илмии А.Ш. Розиқзода, Н.Ҷ. Назаров, Р.С. Мулукаев, О.Э. Раҳмонова, Э.С. Насурдинов, Н.И. Разуваева ва дигарон пешниҳод мегардад. Дар асоси далелҳои баррасишуда муаллиф хулосабарорӣ намуд, ки ташаккулёбии раванди таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳудуди таърихии Тоҷикистон соли 1917 асри XX, аз марҳилаи ташкили худи мақомот дар сохтори дастгоҳи давлатӣ, дар давраи муқаррарнамоии ҳокимияти советӣ оғоз шуд. Барои омӯзиши объективонаи мавзӯи тадқиқот муаллиф даврабандиро пешниҳод

намудааст ва дар зербоби мазкур давраи якуми ин даврабандӣ дида баромада шудааст.

Дар рафти тадқиқоти давраи мазкур, диссертант муайян намуд, ки хусусияти ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар қабули чораҳои ташкилӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерин зоҳир мегардад:

- кори тарбиявӣ хусусияти хоси таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон буда, оғоз аз марҳилаи ташаккулёбӣ ва инкишофи ин раванд амалӣ мешуд. 10.03.1923 сол «Низомнома оид ба ташвиқоти касбии соҳавӣ дар милитсия», ки пешбурди корҳои тарбиявиро ба танзим медаровард, қабул карда шуд;

- интихоби кадрҳо аз давраи ташаккулёбии мақомоти милитсия амалӣ мешуд ва яке аз амалҳо дар доираи ин раванд ҷалби занон ба хизмат буд. Соли 1926 масъалаи мубрами озодии занон ва баланд бардоштани тахассуси меҳнатии зани маҳаллӣ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа, яъне масъалаи баробарии гендерӣ, дар Ҷаласаи 1-уми Съезди Шӯроҳои Таъсисии Умумитоҷикон муҳокима гардида, дар натиҷа санади меъёрӣ-ҳуқуқии «Қарор оиди ҳуқуқҳои занҳои меҳнаткаши ҶАШС Тоҷикистон» қабул гардид;

- аз марҳилаи эъмори мақомоти милитсия дар сохтори он курсҳои омодагии кадрҳо ташкил ва амал мекарданд. Қарори қабулшудаи КМИ ва ШКХ ИҶШС оиди табадули Муассисаҳои олии таълимӣ, техникумҳо ва факултетҳои корӣ таҳти № 237 аз 23.07.1930 сол асоси ҳуқуқии ташаккулёбии муассисаҳои таълимии идоравии касбии олӣ ва миёна мебошад. Бо сабаби он, ки Қарор ҳамаи КХКД ҷумҳуриҳои шӯравиро уҳдадор мекард, ки дар омода намудани кадрҳо дар самти ҳуқуқ бо гузариши муассисаҳои таълимии соҳавӣ таҳти идораи он иштирок намоянд, раванди меъёрӣ-ҳуқуқии ташаккулёбии таҳсилоти идоравӣ дар сохтори мақомоти корҳои дохилӣ оғоз ёфт. Минбаъд таҳсилот дар сохтори мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар намуди батартибдарории курсҳои гуногун инкишоф меёфт ва барои муттаҳид намудани онҳо Маркази таълимӣ ҷиҳати иҷрои Қарори КМ ҲКТ ва Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон таҳти № 24 аз 24.01.1966 сол созмон дода

шуд. Дар асоси Қарори КМ ҲКТ ва Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон таҳти № 230 аз 24.07.1970 сол Мактаби махсуси миёнаи милитсия Душанбе (ММММД) ВКД ИҶШС ташкил дода шуд, ки он ягона мактаби идоравии махсуси милитсия дар ҳудуди Тоҷикистон то охири давраи дар зербоби мазкур баррасишуда буд.

Дар зербоби сеюми боби якум **«Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2019)»** дар асоси таҳлили сарчашмаҳои бойгонӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ диссертант давраи дуюми даврабандии пешниҳодшударо дида баромадааст.

Дар рафти таҳлили ин давра муаллиф хулоса баровард, ки мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалишавии раванди таъминоти кадрӣ таҷрибаи даврони шӯравиро гирифта, инҷониб ба чунин хусусиятҳои раванди таъминоти кадрӣ ба мисли интихоб, омода намудан ва тарбияи кадрҳо, ки хусусияти хоси амалишавиашон дар пайдарҳамии амал зоҳир мегардад, такя менамоянд. Бо ба даст овардани истиқлолияти ҷумҳурӣ, дар рафти раванди таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ азнавкунии базаи қонунгузории танзимкунандаи ин раванд аввалин чораи амалишуда буд.

Барои таъминоти кадрии дурусти мақомоти корҳои дохилии ҷумҳурӣ оғоз аз соли 1991 санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул ва чораҳои ташкилӣ ҷиҳати мустаҳкам намудани пояи таҳсилот дар мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ карда мешуд. Давра ба давра муассисаҳои таълимии идоравии сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва табдил дода мешуданд, инчунин ҳамкории байналмилалӣ дар самти омодагии кадрҳо инкишоф меёфт. Инкишофи тахассуси таълимӣ бо роҳи ворид кардани таҳсилоти касбӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ ба раванди таъминоти кадрӣ таппиши пуршиддату навин бахшид, ки ин барои амалишавии самаранок ва босифати фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи давлат муосидат мекунад.

Дар давраи баррасишуда, барои ташаккул ва мустаҳкам намудани ҳайати кадрӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои баробарии гендерӣ, инчунин пешбурди корҳои тарбиявӣ афзалиятнок аст. Муаллиф такя ба

асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ қайд менамояд, ки кори тарбиявӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ асосан аз тарбияи ҳуқуқӣ ҷиҳати ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кадрҳо иборат буда, бо намуд ва шаклҳои гуногуни мусоидаткунандаи ташаккули шахсияти арзанда ва кадри тахассуснок, ки уҳдадориҳои вазифавии худро босифат ва касбӣ иҷро менамояд, амалӣ мешавад. Яке аз чораҳои муҳими давлатии ҳуқуқӣ оид ба беҳдошти корҳои тарбиявӣ тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 мебошад.

Дар доираи интихоб, яке аз чораи қабулшуда ин даровардани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» дар асоси тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05.2016 сол мебошад. Ба шумораи иловаҳо меъёрҳои зерин дохил мешаванд: қатъ гардидани шаҳрвандӣ ва ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар, инчунин эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд, ҳолатҳои озод намудани корманд аз мақомоти корҳои дохилии ҷумҳурӣ мебошанд. Ба уҳдадориҳои милитсия меъёри ҳамкорӣ бо кормандони ғайриштатии милитсия ва шаҳрвандон илова гардид. Ҳимояи босифати ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд вазифаи асосии мақомоти корҳои дохилии давлат гардид ва дар рафти ислоҳоти соҳа ҳалли ин вазифа ҳамкории зич ва самарабахши мақомоти корҳои дохилиро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назар дорад.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, базаи ҳуқуқӣ ва самтҳои асосии он дар марҳилаи муосир»** базаи ҳуқуқии амалкунандаи мақомоти корҳои дохилии ҷумҳурӣ ва роҳҳои такмили он, самтҳои асосӣ ва механизми амалишавии фаъолияти кадрӣ дар рафти ислоҳоти мақомоти милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ шудаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Базаи ҳуқуқии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Чумҳурии Тоҷикистон ва такмили он»** диссертант базаи ҳуқуқие, ки танзимкунандаи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва иборат аз шумораи зиёди қонунҳо, зерқонунҳо, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии идоравӣ аст, омӯхта ва таҳлил намудааст. Дар зербоб самтҳои танзими ин

санадҳои ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст. Инчунин, таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи санадҳои ҳуқуқии асосӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» таҳти № 41 аз 17.05.2004 сол ва «Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21.04.2005 сол гузаронида шудааст. Қонун «Дар бораи милитсия» бо Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» ва қонунҳои федеративии Федератсияи Россия муқоиса карда шудааст. Дар рафти баррасии Низомнома ҳар як банди он бо дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар иртибот бо ин ё он банд ҳастанд, муқоиса карда шуд. Дар натиҷаи таҳлил, муаллиф хулоса ва нуқтаҳои зеринро асоснок намуд:

- зарурати танзими қонунгузории вазъи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар умум ва алалхусус курсантон, шунавандагон, адъюнктон, докторантон ва тамоми кормандони сохторҳои таълимии идоравии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- зарурати тағйирот ва илова ва ё дар таҳрири нав қабул намудани «Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- зарурати баррасии хусусияти амалишавии таъминоти кадрии мақомот, ки дар маҳдудияти доираи танзимдарории қонунгузорӣ зоҳир мегардад ва гузариш ба амалишавии ҳуқуқии ҳаматарафаи муносибатҳои меҳнатӣ, инчунин бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Самтҳои асосӣ ва механизми амалисозии фаъолияти кадрӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи муосир амалишаванда аст, баррасӣ шудааст. Муаллиф такя ба базаи қонунгузорӣ қайд менамояд, ки фаъолияти кадрӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ бо механизми иборат аз шакл, усул, восита ва меъёрҳои ҳуқуқии ташкилӣ-амалии мушаххас, амалӣ мешавад. Хусусияти фаъолияти кадрӣ самтҳои асосии он, ба мисли ҷобаҷогузорӣ иборат аз интихоб ва ҷобаҷокунии кадрҳо ва омӯзиш иборат аз омода намудан ва тарбияи кадрҳо мебошад.

Интихоби кадрҳо, ки тавассути дастгоҳи кадрии мақомоти корҳои дохилии ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад, аз интихоб аз ихтиёри захираи кадрӣ ва интихоб дар асоси озмун аз рӯи сифатҳои корӣ ва пешниҳоди номзадон ба вазифа аз рӯи омодагии касбӣ иборат мебошад. Ҳамзамон, ҳар як амали раванди интихоб иборатанд аз пешниҳоди талаботи мушаххас ба номзадон, омӯзиш ва санҷиши ҳатмии номзадон.

Ҷобаҷокунии кадрҳо марҳилаи анҷоми интихоб буда, аз талаботҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муқарраршуда иборат аст ва анҷоми он оғози муносибатҳои ҳуқуқӣ дар намуди ба имзо расонидани шартнома мебошад.

Омода намудани кадрҳо, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад, фаъолияти доимоамалкунанда буда, дар намуди омодагии аввалин, касбӣ, илмӣ, такмили ихтисос, омодагии хизматӣ ва ҷисмонӣ ба амал бароварда мешавад. Анҷоми он натанҳо ташаккули донишҳои мушаххас ва малака дар хатмкунанда, инчунин таъиноти ҳатмии ӯ ба вазифа дар хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ мебояд дар доираи тадбиқи ҳуқуқи шаҳрвандони давлат ба таҳсил ва меҳнат ва таъмини ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии онҳо амалӣ карда шавад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **«Фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти ислоҳоти соҳа»** базаи эмпирикии тадқиқот, корҳои илмӣ ва санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ислоҳоти соҳа, алалхусус «Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Дафтари САҲА дар Тоҷикистон», «Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020», «Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020» ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар рафти ислоҳот қабулшуда, таҳлил карда шудаанд.

Дар асоси таҳлил хулоса пешниҳод шуд, ки хусусияти ислоҳоти кунунии милитсияи ҷумҳурӣ дар муносибат ба амалишавии он зоҳир мегардад, яъне дар раванди ислоҳот ҳалли вазифаҳо оид ба такмили таъминоти кадрӣ ва дар умум фаъолияти кадрӣ афзалиятнок аст. Вазифаҳои аввалиндараҷаи

фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ ҳалли масъалаҳои баробарии гендерӣ, минбаъда иҷтимоишавии кадрҳо, ташкили ҳайати кадрии баландихтисос, ки мутобиқ ба шароити муосири сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дорои иқтидори ҳалли вазифаҳои дар назди мақомоти корҳои дохилӣ гузоштаи давлат ва ҷомеа мебошад, инчунин қабули чораҳои қатъии баҳамоварандаи манфиати ҷомеа, хизмати ошкоро ва таъмини ҳуқуқҳои кормандон аст.

Дар натиҷаи таҳлил муаллиф қайд менамояд, ки фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти ислоҳоти соҳа самти афзалиятнок мебошад. Барои амалишавии самаранок ва такмили фаъолияти кадрӣ чораҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ бо мақсади мустаҳкамнамоии таҳсилоти идоравӣ, ҳамкории фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, инкишофи корҳои тарбиявӣ, эҷоди симои нави поквиҷдонона ва бомаърифатонаи корманди милитсия ҳамарӯза қабул ва амалӣ мешаванд. Барои такмили натиҷаи чораҳои қабулшуда истифодаи таҷрибаи таърихии амалӣ намудани фаъолияти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин таҷрибаи мусбии давлатҳои дигаре, ки ислоҳоти мақомоти милитсияи худро гузаронидаанд, зарур аст.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои асосии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст шудаанд. Қайд гардидааст, ки таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар ҳаргуна давраҳои таърихӣ вазифаи афзалиятноки давлат буд. Дарки назариявии ақидаҳои илмӣ ва меъёрҳои қонунгузорӣ имкон дод, ки мафҳумҳои муаллиф оиди "Таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ" ва "Кадрҳои мақомоти корҳои дохилӣ" пешниҳод ва хусусиятҳояшон муайян карда шаванд [1–М], ки ин имкони пурра намудани меъёри қонунгузории самти сиёсати кадрии давлатро медиҳад.

Диссертант нуктаи назари онеро, ки асоси таърихии оғози фаъолият оиди таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон ташкили худи мақомот ҳамчун воҳиди ташкилии мукаммал ва мустақил дар сохтори дастгоҳи давлатӣ дар давраи муқаррарнамоии ҳокимияти шӯравӣ дар аввали асри XX мебошад, асоснок намуда, даврабандии муаллиф пешниҳод гардидааст [8–М].

Таҳлили ин давраҳо ба муаллиф имкон дод, ки хусусияти ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилиро дар омода намудани кадрҳо муайян намояд, яъне, ворид сохтани таҳсилот ба сохтори мақомот бо роҳи ташкили ҳаргуна муассисаҳои таълимии идоравӣ [7–М].

Дигар хусусият интихоб кадрҳо мебошад, ки имкони амалинамоии сиёсати иҷтимоӣ ва гендерии давлат буда, диққати махсус ба захираи инсонӣ бахшида, ба хизмат дар мақомот ҳаргуна табақаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла занонро ҷалб намояд [4–М].

Тарбия хусусияти хоси халқи тоҷик буд ва мемонад. Он дар тӯли таърихи бисёрасраи инсоният омили асосии инкишофи ҳуқуқ, фарҳанг ва ҳаёти маънавии ҷамъият буда, тамоюлҳои пешрафти иҷтимоиро муайян менамояд. Таҳлили таърихӣ имкон дод, ки ҷои муҳими кори тарбиявӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ муайян карда шавад [6–М].

Эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар асоси санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ танзимдарории ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро дар назар дорад. Фаъолияти ҳар як мақомоти давлатӣ бо базаи ҳуқуқии иборат аз ин ё он қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, инчунин санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳавӣ ва идоравӣ танзим мегардад. Таҳлили базаи ҳуқуқии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумхурии Тоҷикистон бениҳоят муҳим аст ва бо назардошти ислоҳоти милитсия саривақтист, вагарна тамоюли ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистони соҳибистиқлол бо пешравии ҷаҳонӣ ва ислоҳоти мақомотҳои давлатӣ, ки давлатро барои мутобиқат ба талаботҳои марҳилаи инкишофи муосир коркард ва азнавкунии базаи ҳуқуқӣ уҳдадор менамоянд, собит мегардад. Дар ин асос коркард ва тасдиқи меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамътятии муосир зарур аст [3–М].

Дар рафти ислоҳоти соҳа ҳаргуна чораҳои ташкиливу ҳуқуқӣ бо мақсади мустаҳкамнамоии таҳсилоти идоравӣ, ҳамкории фаъол бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккули симои нави корманди соҳибкасб, поквиҷдон ва бомаърифат амалӣ карда мешаванд [2–М].

Ҳамин тавр, тадқиқоти ҳамаҷонибаи раванди таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ имкони фаҳмиши муҳимияти

дарки таърихӣ ва назариявии раванди мазкурро медиҳад, чунки, аз амалинамоии дурусти фаъолияти кадрӣ сифати ҳайати кадрӣ вобаста аст, аз касбияти ҳайати кадрӣ самаранокии фаъолияти мақомот вобаста аст, аз устувории фаъолияти мақомот амалишавии функсияи ҳифзи ҳуқуқи давлат вобаста аст ва аз сифати амалишавии функсияи мазкур оромӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, инкишоф ва пешравии ҷамъият ва давлат вобаста аст.

Дар хулоса инчунин тавсияхо оид ба истифодаи амалии хулосаҳои муаллиф пешниҳод шудаанд.

Дар **замимаҳо** натиҷаи пурсиши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР МАВОДИ ИНТИШОРИИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ДАРҶ ШУДААНД:

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Россия, чоп шудаанд

**[1–М].** Азимова, У.А. Кадры и кадровое обеспечение органов внутренних дел: понятие и сущность (Кадрҳо ва таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ: мафҳум ва моҳият) / У.А. Азимова // Осори Академияи ВКД Ҷумхурии Тоҷикистон. – 2018. – № 1 (37). – С.106-114. – (0,64 ҷ. ч.).

**[2–М].** Азимова, У.А. Некоторые проблемы совершенствования законодательства Республики Таджикистан, связанные с кадровым обеспечением органов внутренних дел (Баъзе проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон вобаста ба таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ) / У.А. Азимова // Осори Академияи ВКД Ҷумхурии Тоҷикистон. – 2018. – № 2 (38). – С.143-152. – (0,7 ҷ. ч.).

**[3–М].** Азимова, У.А. Некоторые проблемы совершенствования правового акта, регламентирующего кадровое обеспечение органов внутренних дел Республики Таджикистан (Баъзе масъалаҳои такмили санади ҳуқуқии танзимкунандаи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумхурии Тоҷикистон) / У.А. Азимова // Осори Академияи ВКД

Ҷумхурии Тоҷикистон. – 2019. – № 1 (41). – С. 165-172. – (0,52 ҷ. ч.).

**[4–М].** Азимова, У.А. Становление женского состава органов внутренних дел Таджикистана (Ташкилёбии ҳайати занони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон) / У.А. Азимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 1. – С. 217-223. – (0,58 ҷ. ч.).

**[5–М].** Азимова, У.А. Принципы кадрового обеспечения органов внутренних дел (Принсипҳои таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилӣ) / У.А. Азимова // Маҷаллаи академии ҳуқуқӣ. – 2019. – № 1 (29). – С. 67-72. – (0,52 ҷ. ч.).

**[6–М].** Азимова, У.А. Развитие правового воспитания в органах внутренних дел Таджикистана (Ташаккулёбии тарбияи ҳуқуқӣ дар мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон) / У.А. Азимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 5. Қисми 1. – С. 271-278. – (0,76 ҷ. ч.).

**[7–М].** Азимова, У.А. Историко-правовой анализ возникновения образования в структуре органов внутренних дел Таджикистана (Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии ташкилёбии таҳсилот дар сохтори мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон) / У.А. Азимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019. – № 3 (80). – С. 269-274. – (0,52 ҷ. ч.).

### Корҳои илмие, ки дар дигар нашриёт чоп шудаанд

**[8–М].** Азимӣ, У.А. Формирование и развитие кадрового обеспечения органов внутренних дел Таджикистана (Ташаккулёбӣ ва инкишофи таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон): монография / У.А. Азимӣ. – (LAP) LAMBERT Academic Publishing (International Book Market Service Ltd.), 2020. – 89 с.

# АННОТАЦИЯ
## на диссертацию Азими Умеды Акбар на тему: «Кадровое обеспечение органов внутренних дел Таджикистана: историко-правовой анализ»

**Ключевые слова:** органы внутренних дел, кадры, кадровое обеспечение, кадровая деятельность, государство, государственная кадровая политика, подбор кадров, подготовка кадров, воспитание кадров, воспитательная работа, правовое воспитание, образовательные учреждения, ведомственное образование, правовая основа, закон, нормативные правовые акты, реформа, реформирование милиции.

Целью диссертационного исследования является изучение периодов формирования организационно-правовых основ кадрового обеспечения органов внутренних дел Республики Таджикистан и реформы отрасли, анализ функционирования данного процесса, а также выработка предложений по совершенствованию кадровой деятельности органов.

На основании применения таких методов научного познания, как законы и категории диалектики, общенаучный метод познания и его составные элементы: анализ, синтез, аналогия, сравнение и обобщение, единство теории и практики, а также специальные методы познания: исторический, логический, формальный, социологический, статистический, сравнительный и правовой метод, в диссертации раскрыты научные понятия, принципы, выводы и положения. Диссертация является первым комплексным историко-правовым исследованием кадрового обеспечения органов внутренних дел Таджикистана, как одной из важнейших задач государства, во все выделенные и исследованные периоды его формирования и развития. Всесторонний и объективный анализ различных подходов данной темы определил научно обоснованную оценку и позицию автора. По результатам исследования представлены авторские выводы, понятия и рекомендации, которые могут быть использованы в учебном процессе, в процессе законотворчества, и в практической деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан.

## АННОТАТСИЯ
## ба диссертатсияи Азимӣ Умеда Акбар дар мавзӯи: «Таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ»

**Вожаҳои калидӣ:** мақомоти корҳои дохилӣ, кадрҳо, таъминоти кадрӣ, фаъолияти кадрӣ, давлат, сиёсати давлатии кадрӣ, интихоби кадрҳо, омода намудани кадрҳо, тарбияи кадрҳо, кори тарбиявӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти идоравӣ, асоси ҳуқуқӣ, қонун, санади меъёриву ҳуқуқӣ, ислоҳот, ислоҳоти милитсия.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши давраҳои ташаккулёбӣ, асосҳои ташкилӣ- ҳуқуқии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ислоҳоти соҳа, таҳлили амалишавии ин раванд, инчунин коркарди пешниҳод оиди такмили фаъолияти кадрии мақомот мебошад.

Дар асоси истифодаи чунин усулҳои дарки илмӣ ба монанди қонунҳо ва категорияҳои диалектика, усули дарки умумиилмӣ ва унсурҳои таркибии он: таҳлил, синтез, қиёс, муқоиса ва умумият, ягонагии назария ва амалия, инчунин усули дарки махсус: усули таърихӣ, мантиқӣ, расмӣ, сотсиологӣ, оморӣ, муқоисавӣ ва ҳуқуқӣ дар диссертатсия мафҳумҳои илмӣ, принсипҳо, хулосаҳо ва нуқтаҳо муайян карда шудаанд. Диссертатсия аввалин маҷмӯи тадқиқоти таърихӣ- ҳуқуқии таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон мебошад, ки ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳими давлат дар ҳама давраҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи худ қайд ва тадқиқ шудааст. Таҳлили ҳамаҷониба ва объективии муносибати гуногуни ин мавзӯъ баҳои илман асоснокшуда ва назари муаллифро муайян намуд. Аз рӯи натиҷаи тадқиқот хулосаҳо, мафҳумҳо ва тавсияҳои муаллиф пешниҳод шудаанд, ки метавонанд дар равандҳои таълимӣ, қонунэҷодкунӣ ва дар фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

**ANNOTATION**
**on the dissertation work of Azimi Umeda Acbar on the theme: «Staffing of the internal affairs bodies of Tajikistan: historical and legal analysis»**

**Key words:** internal affairs bodies, personnel, staffing, personnel activities, state, state personnel policy, personnel selection, personnel training, staff training, educational work, legal education, educational institutions, departmental education, legal basis, law, normative legal acts, reform, reforming the police.

The purpose of the dissertation research is a comprehensive study formation periods, of the organizational and legal foundations of staffing of the internal affairs bodies of the Republic of Tajikistan and industry reforms, analysis of the historical development of this process, as well as developing proposals for improving the personnel activities of bodies.

Based on the application of such methods of scientific knowledge as the laws and categories of dialectics, the general scientific method of cognition and its components: analysis, synthesis, analogy, comparison and generalization, the unity of theory and practice, as well as special methods of cognition: historical, logical, formal, sociological, statistical, comparative and legal method in the dissertation disclosed scientific concepts, principles, conclusions and provisions. The dissertation is the first comprehensive historical and legal study of the staffing of the internal affairs bodies of Tajikistan, as one of the most important tasks of the state in all the periods identified and investigated of its formation and functioning. A comprehensive and objective analysis of various approaches to this topic determined the scientifically sound assessment and position of the author. Based on the results research, author's conclusions, concepts and recommendations that can be used in the educational process, the lawmaking process, and in the practical activities of the internal affairs bodies of the Republic of Tajikistan are presented.